*ТДУ 07*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-3-268-271*

# *«ШӮЪЛАИ ИНҚИЛОБ» ВА ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШИ ОН*

***Абдуллоева Шоира Раҷибовна,*** *унвонҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Тоҷикистон, Душанбе)*

# *«ШУЛАИ ИНКИЛОБ» И ПРИЧИНЫ ЕГО ПОЯВЛЕНИЯ*

***Абдуллоева Шоира Ракибовна,*** *соискатель Таджикского национального университета (Таджикистан, Душанбе)*

# *"FLAME OF REVOLUTION" AND THE CAUSES OF ITS GENESIS*

***Abdulloeva Shoira Rakibovna,*** *research worker of the Tajik National University (Tajikistan, Dushanbe),*
***E-mail:*** *abdullozoda89@bk.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *маҷаллаи "Шуълаи инқилоб", Саидризо Ализода, матбуот, маорифпарвар, Самарқанд*

*Дар мақола муаллиф бо назардошти омӯзишу таҳқиқи таърихи матбуоти тоҷик талош намудааст, ки дар боби омилҳо ва заминаҳои пайдоиши нахустин маҷаллаи тоҷикии даврони собиқ Шӯравӣ "Шуълаи инқилоб" маълумот диҳад. Дар оғози мақола муҳимияти матбуот барои ҷомеа аз нигоҳи чеҳраҳои мондагори наҳзати маорифпарварӣ шарҳу эзоҳ дода шудааст. Ҳамчунин муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои мӯътамад ва диду нигоҳи муҳаққиқони тоҷик кушиш намуда, ки чанде аз омилҳои муҳими таъсиси маҷалларо баён намуда, онҳоро равшанӣ бахшад.*

***Ключевые слова:*** *журнал «Пламя революции», Саидризо Ализода, пресса, просветитель, Самарканд*

*В данной статье автор с учетом изучения и исследования истории таджикской прессы попытался представить информацию о факторах и основаниях появления первого таджикского журнала постсоветского времени «Пламя революции». В начале статьи значение прессы для общества объясняется непреходящими гранями образовательного ренессанса. Также автор, используя достоверные источники и мнения таджикских исследователей, попытался объяснить некоторые важные факторы создания журнала.*

***Key words:*** *"Flame of Revolution" magazine, Saidrizo Alizoda, press, educator, Samarkand*

*In this article, the author, studies and researches the history of the Tajik press, tries to provide information on the factors and grounds for the emergence of the first Tajik magazine of the former Soviet era "Flame of Revolution". At the beginning of the article, the importance of the press for the society is explained in terms of the enduring faces of the educational renaissance. Also, the author, using reliable sources and the views of Tajik researchers, tried to explain some of the important factors of establishing the magazine and clarify them.*

Таърих гувоҳ аст, ки аз замони пайдоиш то ба имрӯз матбуоти даврӣ чун яке аз василаҳои муассири баёни дарду иллатҳои ҷомеа мавқеи муҳимеро соҳиб аст. Дар ибтидои садаи бист матбуоти форсии кишварҳои хориҷӣ ба Осиёи Марказӣ низ мерасид ва ба маорифпарварони тоҷик дастрас мегардид. Мутолиа ва бардошт аз ин нашрияҳо онҳоро водор намуд, ки бо такя ба нерӯи тавонои худ дар андеша таъсиси матбуоти миллӣ гарданд.

Дар ибтидои асри бист нашрияҳое чун «Чеҳранамо» аз Коҳира,«Ҳабл-ул- матин» аз Калкутта, «Сироҷ-ул- ахбор» аз Кобул, «Сироти мустақим» аз Туркия, «Навбаҳор» аз Эрон бо ҳар роҳ ба Осиёи Миёна ворид мешуданд. Чунончӣ, устод Айнӣ аз ворид шудани маҷаллаи «Сироти мустақим» ба Бухоро дар китоби хеш «Таърихи инқилоби Бухоро» ёдрас шуда мегӯяд:

«Ба воситаи Абдурраҳмон Саидӣ ба мутолиаи маҷмӯа [журнал] –и туркӣ «Сироти мустақим» муваффақ шудем, ки баъди инқилоб дар Туркия нашр мешуд. Ин як маҷмӯаи динӣ, илмӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва адабӣ буда, бо иштироки бузургтарин фозилони маркази хилофати Истанбул нашр мегардид. Дар ин маҷмӯа масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии инқилобӣ ба оят ва ҳадисҳо татбиқ шуда, баён меёфтанд, ки ин дар тафаккуроти мо тағйироти асосӣ ба амал меовард» [1,с.34].

Устод С. Айнӣ муҳим будани матбуотро дар он даврони ҳассос барои ҷомеа таъкид намуда, мегӯяд ки «агар ҳукумат худ дар сари ислоҳ бошад ва аз ман суол кунад, ки барои ислоҳоти Бухоро чӣ кардан лозим аст? Мегӯям: Ду чиз: Мактаб! Ҷарида» [1,с.161].

Ҳамчунин дар он замон маҷаллаи «Мулло Насриддин», рӯзномаи «Тарҷумон» аз Боғчасаройи Қрим, «Вақт» аз Оренбург, маҷаллаи «Шӯро» аз Уфа ва чанди дигар ба аморати Бухоро ворид мешуданд, ки дар вусъати андешаи мардум такон мебахшиданд. Бино ба шаҳодати устод С. Айнӣ «ин газетаҳо ба Бухоро ҳам омаданд ва дар афкори умумии Бухоро низ ҷаҳише ба вуҷуд оварданд» [1,с.32].

Дар асарҳои муҳаққиқони тоҷик З.Раҷабов, М.Шукуров, И.Усмонов, Д.Давронов, Н.Ғаффоров, Умняков, М.Муродов, А.Набавӣ, П.Гулмурод, Қ.Шарифзода, М.Абдуллоҳ, Х.Атаев ва чанде дигар дар мавриди пайдоиши матбуот дар Осиёи Марказӣ маълумоти ҷолиб дода шудааст. Дар бештари онҳо яке аз омилҳои пайдоиши матбуотро дар Осиёи Миёна ба пайванд шудани Осиёи Миёна ба Русия вобаста медонанд. Мо низ ба ин гуфтаҳо мувофиқем, аммо дар ин замина метавон боз чунин илова намуд, ки зуҳури наҳзати маорифпарварӣ низ чун яке аз омилҳои зуҳури матбуот ба таъсиси матбуот дар Осиёи Миёна боис гардидааст.

Инқилоби аввали Русияро низ метавон чун як давраи муҳими рушди матбуот шумурд, зеро дар он давра низ нашриёҳои ҷадидӣ чун "Хуршед", "Шӯҳрат", "Туҷҷор", "Осиё" ва чанди дигар нашр гардиданд.

Дар ибтидои садаи бист сар задани Инқилоби Октябр дар Русия ба тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ низ таъсири бевоситаи худро расонд. Ин таъсир пеш аз ҳама дар сохти давлатдорӣ, сиёсат, муносибатҳои истеҳсолӣ ва ҳамзамон ба фарҳангу адабиёт низ мушоҳида гардид. Ба таъкиди профессор М.Муродӣ "чунин тағйиру таҳвили ҳаёти иҷтимоӣ боиси ба дигаргунии куллӣ гирифтор шудани адабиёт, хоса адабиёти тоҷик гардида, он давраи нави ташаккулу инкишофро ба худ касб кард, ки минбаъд бо номи адабиёти шӯравӣ, публитсистикаи шӯравӣ ё муосир ном гирифт ва шӯҳрат пайдо намуд" [3,с.27]

Муҳаққиқ А.Ёрмуҳаммадов низ ғалабаи Инқилоби Октябрро омили дигари нашри рӯзномаҳои тоҷикӣ дониста, чунин таъкид менамояд, ки "эҳёи нашриёҳои тоҷикӣ бо ғалабаи Инқилоби Октябр ва барқароршавии Ҳукумати Шӯроӣ дар кишвари мо зич алоқаманд аст. Намунаи аввалини он нашрияи "Шӯълаи инқилоб аст" [3,с.45].

Таъсиси шӯъбаи форсии табъу нашрро низ метавон аз омилҳои муассири пайдоиши матбуоти Шӯроӣ ва аз он ҷумла маҷаллаи "Шӯълаи инқилоб" шумурд, зеро маҳз пас аз таъсиси ин шӯъба дар соли 1919 дар назди хукумати Туркистон заминаи мусоиде барои чопи нашриёҳои тоҷикӣ фароҳам омад. Муҳаққиқони таърихи матбуот таъсиси ин шӯъбаро "бо нияти беҳтар кардани кори тарғибу ташвиқоти байни аҳолии тоҷикзабон" ва муттаҳид намудани ҳамаи мардуми форсизабон шумурдаанд. Сарвари ин шӯъба Саидризо Ализода буд.

Маҳз дар ин давраи сарнавиштсоз публитсистикаи шӯравии тоҷик низ зуҳур намуда, ба падид омадани нахустин нашриёҳои замони шӯравӣ асос гузошта шуд. Ҳарчанд дар ин давра матбуоти шӯравии тоҷик марҳилаи рушди худро паси сар менамуд, аммо бо ин ҳама дар вусъату густариши афкору ҷаҳонбинии омма таъсири бевосита расонд. Раванди майли маорифпарварӣ ки дар оғози садаи бист густариш ёфта буд, боис гардид, ки дар ҷомеа матбуоти миллӣ зуҳур намояд. Дар натиҷа рӯзномаву маҷаллаҳое чун "Шӯълаи инқилоб", "Қутулиш", "Ҳуррият", "Меҳнаткашлар товуши" ва чанди дигар зуҳур намуданд, ки дар тарғибу ташвиқи аҳдофи Ҳукумати Шӯравӣ таъсири бевосита расониданд.

Донишмандони тоҷик чун устод Садриддин Айнӣ, академик З.Раҷабов, А.Маниёзов М.Шукуров, С.Атобуллоев, И.Усмонов, П.Гулмурод, М.Муродов, А.Ёрмуҳаммадов, Ҷ.Ҷаъфаров, Л.Ниёзов, Қ.Расулиён ва чанд тани дигар дар мавриди маҷаллаи "Шӯълаи инқилоб" нуктаи назари худро баён намудаанд. Дар хориҷи кишвар низ дар бобати Саидризо Ализода ва маҷаллаи "Шӯълаи инқилоб" аз ҷониби муҳақиқону публитсистон мақолаҳои ҷолибе нигошта шудаанд.

Маҷаллаи "Шӯълаи инқилоб" санаи 10 апрели соли 1919 чун ношири афкори кумитаи ҳизбии вилояти Самарқанди Ҳизби коммунисти Туркистон бори нахуст нашр гардидааст. Шумораи нахустини маҷалла наздик 1000 нусха дар шаҳри Самарқанд чоп шудааст. Он дар ҳаҷми 8 саҳифа то санаи 8 декабри соли 1921 ҳамагӣ 91 шумора аз чоп баромадааст.

Сардабири маҷаллаи "Шуълаи инқилоб» Саидризо Ализода буд. Саидризо Ализода [ 1887-1945] чун яке аз саромадони матбуоти тоҷик, рӯзноманигори ботаҷриба, адиби маорифпарвар ва публитсисти оташинсухан дар таърихи халқи тоҷик мақоми хоса дорад.

Санаи 1-уми марти соли 1919 бо ташаббуси С. Ализода аз номи як идда коммунистони ноҳияи Боғишамоли вилояти Самарқанд ба шӯъбаи маориф ва кумитаи ҳизбии вилоят бо

мақсади таъсиси ҷаридаи мустақиле ё маҷаллае барои мардуми форсизабон ариза омад. Дар ин бобат худи маҷаллаи “Шӯълаи инқилоб” низ иттилоъ додааст. Бино ба иттилои маҷалла, кумитаи ранҷбарон ва аҳли ҷомеаи Боғишамол бо сабаби набудани як нашрияи форсизабон ба кумитаи фирқаи иштирокиюн муроҷиат намуданд, то ба нашри як рӯзнома мусоидат намоянд, чунончӣ маҷалла хабар медиҳад:

“Кумитаи ранҷбарони иштирокиюни Боғишамол вуҷуди як ҷамоа ва бародарони форсизабони моро, ки дар шаҳрҳо ва деҳаҳои мухталифаи мамлакати мо-Туркистон зиндагонӣ доранд ва ба сабаби пайдо набудани матбуоти форсӣ аз ҳаводиси гуногун ва инқилоботи рангоранги ҷаҳон ба куллӣ бехабар ва маҳрум мондаанд, ин матлабро ба назари диққати худ гирифта, ба нашри як маҷаллаи форсӣ қарор дод ва расман ба қумитаи фирқаи иштирокиюни вилоятӣ муроҷиат намуда, барои нашри чунин маҷалла ёрии моддии ӯро дархост кард.

Кумитаи мазкура низ, чун ҳомии ранҷбарони иштирокиюн мебошад, ин дархостро бидуни чуну чаро пазируфта, на ин ки танҳо ёрии ҷузъӣ, балки махориҷи нашри маҷалларо тамоман ба ӯҳдаи худ гирифта, ӯро ношири афкори худ қарор дод ва идора ва таҳрироти ӯро аз ҳар ҷиҳат ба мо супурд” [Аз идора.- 6]. Нуктаи ҷолиби иттилои мазкур дар он аст, ки он чун сарчашмаи муҳими илмӣ моҳияти таърихӣ дорад, зеро он ишораҳои мақола ба суолҳои зиёде ҷавоб хоҳанд дод. Чунончи, омадааст: “идора ва таҳрироти ӯро аз ҳа ҷиҳат ба мо супурд”. Чун муаллифи иттилои мазкур Саидризо Ализода мебошад, бинобар ин метавон гуфт, ки мавсуф сарварии маҷалларо ба ӯҳда дошт. Адиби маъруф Раҳим Ҳошим дар мавриди фаъолияти пурмаҳсули Ализода ёдовар шуда, аз ҷумла таъкид менамояд, ки “тамоми мақолаҳои аз тарафи идора навишташуда ба қалами вай [С.Ализода - Ш.А]” таалluқ доранд” [2,с.21].

Маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» дар шаҳри Самарқанд ҳар ҳафта як бор ба миқдори аз 1000 то 4000 нусха нашр меёфт. Дар сафҳаҳои он аз хабару мақолаҳои расмӣ сар карда, то намунаҳои назму насри бадеӣ, маводи гуногунмавзӯъ чоп мешуд. Бино ба шаҳодати муҳаққиқони таърихи матбуот маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» хонандагонашро пеш аз ҳама бо воқеаву рӯйдодҳо, таҳаввулоту тағйироти олам, дигаргуниҳои шаҳру вилояти Самарқанд, кишвари Туркистон, аморати Бухоро, суқути аморат ва таъсиси Ҷумҳурии халқии Бухоро ошно карда, дарду алами тоҷикону форсизабонони Варорӯд ошно менамуд. Дар ҳайати он коркунони фаъоли идора, ки қариб ҳамаи мақола, очерк, шеър ва фелетонҳо, инчунин тарҷима, хабарҳои хориҷӣ ва ғайра ба қалами онҳо таалluқ доштанд, ки устод С. Айнӣ, Ғуломалии Козимзода, Мухторӣ, Ҳ. Ирфон, Ҳ. Мӯъин, Ф. Роҷӣ, Б. Азизӣ ва дигарон бо ин идораи маҷаллаи ҳамкорӣ менамуданд.

Дар оғози садаи бист дар он замони сарнавиштсози миллат маҷаллаи “Шӯълаи инқилоб” роҷеъ ба умдатарин масоили кишвар матолиби ҷолиб нашр намуда, бешак дар вусъату густариши ниёзҳои маънавии аҳли ҷомеа талош намудааст. Ба вижа, дар масъалаи ҳифзи забон ва тозагии он таваҷҷӯҳ намуда, дар яке аз навиштаҳои маҷалла «Шӯъбаи форс дар ҳузури идораи корҳои милли» дар мавриди вазифаҳои шӯъбаи форсӣ ёдовар шуда, дар боби бузургдошти забон бо эҳсосот мегӯяд:

«Забон рукни азими миллат аст, ки ба маҳзи гумм шудани забон, ҳамон миллат, ки мутакаллим ба он забон аст, гум ва нопадид хоҳад шуд. Ҳеҷ миллате наметавонад, ҳастӣ ва мавҷудияти худро таъмин кунад, магар бо нигаҳдори ва муҳофизати забони модарии худ, аз ин рӯ ҳар миллат ҳақ дорад забони модарии худро гироми дорад, азиз шуморад, муҳофизат кунад, то ки аз вартаи инқироз ва нобудӣ халос намояд…[7]. Ин ҷо нуқтаеро бояд қайд намуд, ки чун мо дар мавриди заминаҳои пайдоиши маҷалла ҳарф мезанем, аммо дар ин замина нафароне буданд, ки монеъи нашри маҷалла буданд. Сардабири маҷалла бар зидди ин гуна ашхос баромада, бар зидди он нафарон хомуш наистода, бо навиштани нигоштае бо унвони «Як суйиқасди ғаразкорона ба маҷаллаи мо» ин муаммои муҳими он замонро тавзеҳ дода, ҷавоби шоистае гардонид.«Ҳанӯз шумораи аввали маҷаллаи мо қадам ба майдони матбуот нагузошта, ҳануз «Шуълаи инқилоб» шӯълаи дурахшони ба ҷое наяфшонда буд, ки дастаи шабпаракон, аз тарси ин ки чашмони ғаразбинашро хираву торик кунад, ба даври ҳам гирд омада, аз паи хомуш кардани ин шӯъла камар бастанд ва барои қатли ин бачаи зоиданашуда омода гардиданд. Инҳо барои буридани забони як ҷамоаи Туркистон, ки тақрибан ду миллион нуфус дорад, шамшерҳои худро тез карданд» [«Шӯълаи инқилоб», №2, 17-04-1919].Дар он замоне ки миллатҳои дигари минтақа ҳама соҳиби ҷарида ва маҷаллаҳои хеш буданд, мардуми тоҷик аз ин падидаи маънави маҳрум буданд. Ва иддае аз нафарони ғаразҷуй мехостанд, то ин миллатро аз ин сарвати маънави маҳрум намоянд, нашри маҷаллаи «Шуълаи инқилоб»-ро хуш истиқбол нагирифта, пайи қатъи нашри он талош менамоянд. Дар ин ҳолат Сайидризо Ализода худро

дар канор нагирифта зидди ин нафарон ба майдони мубориза ворид мешавад ва бо таълифи нигоштаҳои ҷолибу арзишманди хеш аксари шумораҳои маҷалларо зиннати маънави бахшида, муштариёни маҷалларо аз ҳаводиси тозаи соири мамолик ошно месозад. Аз он талоши иддае аз нафарони ғаразҷу Сайидризо Ализода ба тааҷуб омада, чунин мегӯяд:«Ин оқоён ҳануз шарм накарда барои бастани ин ягона маҷаллаи форсӣ қарор гузошта, ба ҳукумат муроҷиат карданӣ шудаанд. Мо ҳайронем, ки аз ин маҷаллаи мо ба олами эшон чӣ зарари моддӣ ва маънавӣ эҳтимол дошта, ки барои ин гуна қарори бемантиқ маҷбур шудаанд…»[2,с.21]. Сайидризо Ализода бо он ҳама истодагарии хеш нашри маҷалларо идома медиҳад.Маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» чун нахустин нашрияи тоҷикии замони Шӯравӣ ҳамчун манбаи мӯътамад ва арзишманд дар таърихи илму адабу фарҳанги тоҷик маъруфу машҳур аст. Яке аз нахустин асарҳои таҳқиқотие, ки дар мавриди ин маҷалла таҳия гардидааст, ин асари «К характеристике первого советского журнала на таджикском языке “Пламя революции” [4] мебошад. Муҳаққиқи номвари тоҷик З.Ш.Раҷабов таҳқиқу омӯзиши маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб»-ро чун сарчашмаи муҳими таърихӣ шумурда, омӯзиши ҳамаҷонибаи онро муҳим донистааст.Мавсуф нақши маҷалларо чун мубаллиғи ғояҳои инқилобиву марксистӣ ленинӣ муассир қайд намудааст. Мо ба ин андешаҳои муҳаққиқ комилан мувофиқем, аммо дар ин замина метавон боз чунин илова намуд, ки маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» ҳамзамон дар тарғибу ташвиқи афкори маорифпарварона низ саҳми назаррас гузоштааст. Матолиби арзишманди маҷалла ки ба масъалаи мактабу маориф бахшида шудаанд, далели ин гуфтаҳои мо мебошанд.Муҳаққиқ З.Раҷабов нақши маҷалларо дар тарғибу ташвиқи адабиёт барҷаста дониста, онро чун асосгузори пояҳои адабиёти муосири тоҷик мешуморад, [4,с.46] ки бешак боиси дастгирист.Яке аз рисолати аслии маҷаллаи “Шӯълаи инқилоб” ба андешаи мо ин пеш аз ҳама тарғибу ташвиқи идеологияи Ҳукумати Шӯравӣ ба шумор мерафт. Дар баробари инъикоси ҳаводиси ҷомеа ва мушкилоту муаммои рӯзгори мардум, маҷалла ҳамзамон дар тарғиби ҳадафҳои созандаву бунёдкоронаи Ҳукумати Шуравӣ саҳми назаррас гузоштааст. Муҳаққиқ А.Ёрмуҳаммадов низ саҳми маҷалларо дар тарғиби ҳадафҳои Ҳизби Коммунистӣ ва Ҳокимияти Шӯроӣ назаррас шуморида, аз ҷумла чунин мегӯяд: “Шӯълаи инқилоб” ба омма фаҳмондани моҳияти Инқилоби сотсиалистии Октябр ва давлати Шӯроиро вазифаи аввалини худ қарор дода буд.....”Шӯълаи инқилоб” фаъолияти сиёсии худро барои мунтазам ташвиқ намудани Ҳокимияти Шӯроӣ сарф мекард” [3,с.46].Дар маҷмӯъ, раванди омӯзиш нишон дод, ки якчанд замина ва омилҳое чун вуруди нашрияҳои форсизабон ба Осиёи Марказӣ, ҳамроҳшавии Осиёи Марказӣ ба Русия, зуҳури ҳаракати маорифпарварӣ, таъсиси нашрияҳои ҷадидӣ ва нахустин нашрияи тоҷикӣ “Бухорои шариф”,таъсиси нашрияҳои Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, таъсиси шӯъбаи форсии табъу нашр ва чанди дигар боиси пайдоиши маҷаллаи “Шӯълаи инқилоб” гардидаанд.

## ПАЙНАВИШТ:

1.Айнӣ, С.-Таърихи инқилоби Бухоро/С.Айнӣ. –Душанбе, Адиб, 1987.
2.Ализода, С.-Маслаки мо ҳақ/С.Ализода.–Душанбе, Эҷод, 2007.
3.Муродӣ, М. -“Тозиёна”-и Шӯълаи инқилоб ва ташаккули ҳаҷв дар матбуоти даврӣ. Кит.Қироншоҳ Шарифзода- Аввалин нашрияи тоҷикии даврони шӯравӣ/М.Муродӣ.-Душанбе, Ирфон, 2019.
4. Раҷабов, Ш.З. К характеристике первого советского журнала на таджикском языке “Пламя революции”/Ш.З.Раҷабов.- Сталинобод.1959.
5.Усмонов, И.- Таърихи журналистикаи тоҷик/И.Усмонов.-Душанбе, 2008.
6.Шӯълаи инқилоб.-1919.-№1
7.Шӯълаи инқилоб-1919.-№11-10 июл

## REFERENCES:

1. Aini, S.-History of Bukhara Revolution/S. Aini. -Dushanbe, Adib, 1987.
2. Alizoda, S.-Maslaki mo haq/S. Alizoda.-Dushanbe, Ejod, 2007.
3. Moradi, M. - "Taziona" of the Flame of Revolution and the formation of satire in the periodical press. Book of Kironshoh Sharifzoda- The first Tajik publication of the Soviet era/ M. Murodi. - Dushanbe, Irfan, 2019.-
4. Rajabov, Sh.Z. Characteristics of the first soviet magazine in the Tajik language "Revolutionary flame" / Sh. Z. Rajabov. - Stalinobod. 1959.
5. Usmonov, I. - History of Tajik journalism / I. Usmonov. - Dushanbe, 2008.
6. The flame of the revolution.-1919.-№1
7. The flame of the revolution-1919.- № 11-10 July